# ХУЛОСАИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Парвандаи аттестатсионии №2

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 10.10.2019, протоколи №2

Дар бораи ба Расулзода Сорбон Пирмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи "Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шакли дастхат аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (биология) Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 044 ба ҳимоя қабул карда шуд.

**Унвонҷӯ** Расулзода Сорбон Пирмад, соли таваллудаш 1983,шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, милаташ тоҷик, узви ҲХДТ.

Соли 2007 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни биология хатм намудааст. Аз соли 2007 то ҳол номбурда дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ фаъолият дорад.

Унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 07.02 2015 -4"хуб", аз фанни фалсафа 10.03.2018-4"хуб" ва аз фанни назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (биология) 19.04.2019- 4"хуб" супоридааст.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбарӣ илмӣ:** Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ғиёсов Тавакал -** доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

2. **Баротов К.А.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рудакӣ дар хулосаи мусбати худ бо имзои доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Салим Сайдалиевич, мудири кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, Исупов Дилшод Сафармадович ва бо тасдиқи ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика-математика, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, Абдулло Ҳабибулло қайд намудаанд, ки кори диссертатсионии Расулзода Сорбон Пирмад ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (биология) мебошад.

Унвонҷӯ муаллиф оид ба мавзӯи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ, дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии Аттестатсионии Федератсияи Русия чоп гардида мебошад. Дар ин корҳо ҷиҳатҳои назариявӣ, илмию методӣ ва амалӣ инъикоси худро ёфтаанд.

**Мақолаҳои чопшуда оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1. **Расулов С.П.** Принсипҳои асосии таълими равиявӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 3/7. – Душанбе, 2017. С. 257-260.

2. **Расулов С.П.** Асосҳои назариявӣ – методологии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2018. №1/2(53). С. 78-84.

3. **Расулов С.П.** Таҳлили проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. №1/1(51). – Бохтар, 2018. С. 68 – 74.

4. **Расулов С.П.** Фардисозӣ ва тафриқасозии таълими равиявиии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №1. – Душанбе, 2018. С. 268-269.

5. **Расулов С.П.** Амсилаи технологияи таълими равиявии биология дар шароити озмоиши педагогӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтари ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2018. №1/3 (55). С. 142-146.

**Ба автореферат тақриз навиштаанд:**

1. **Исмоилов Мақсатулло**- доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур;
2. **Табаров Сунат** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи риёзӣ – иқтисодии донишкадаи энергетикии Тоҷикистон;
3. **Ҷумаев Ҷамол**- номзади илмҳои хоҷагии қишлоқ, декани факултети “Агробизнес” - и Муассисаи двлатии таълимии коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар;
4. **Досаков Муъмин** - номзади илмҳои педагогии кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот:**

Ҳадафи асосии тағйироти зинаҳои баландтарини таҳсилоти умумӣ ин фардикунонӣ, ташкили таълими равиявӣ ва тафриқавӣ, инчунин такмил додани самаранокии таълим мебошад. Аз ин рӯ вазифа гузошта шудааст, ки низоми таълими махсус дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд бо назардошти бозори меҳнат ташкил карда шавад.

Вале раванди таълими равиявӣ ва тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ватанӣ асосан бе назардошти заминаи назариявӣ ва методологӣ, бе низоми муайяне ташкил карда шудааст. Ҳамин тавр, дар солҳои гузашта, тақсимоти равиявӣ ва омӯзиши амиқи

фанҳо боиси афзудани ҳаҷми донишҳо гардид. Аммо қобилиятҳо ва малакаҳои хонандагон яктарафа инкишоф меёфт ва хонандагон барои азхудкунии фанҳои ғайрисоҳавӣ шавқу ҳаваси зиёд надоштанд.

Феълан як қатор тафовутҳо байни ҷанбаҳои муҳими ҷараёни таълимӣ ба вуҷуд омадаанд:

-якум, бо сабабе ки дар кишвар шароитҳои илмӣ, техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ тағйир ёфтаанд, тағйири мундариҷа ва сохтори раванди таълими равиявӣ дар фанҳои биологӣ зарур аст

-дуюм, масъалаҳои таълимоти равиявии (соҳавии) биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ ба таври кофӣ коркард нашудаанд. Омӯзиши ин мушкилот асоси таҳқиқоти рисолаи мазкурро дар мавзӯи «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10 - 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил мекунад.

**Натиҷаҳои назарраси таҳқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва унвонҷӯ ба даст овардааст:** - аҳамият ва маънои чунин мафҳумҳои педагогӣ, «ҳамчун таълими равиявии биология», «курсҳои интихобии биология» муайян карда шудаанд, дар сатҳи назариявӣ амсилаи самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба мавзӯи биологияи умумӣ таҳия шуда, мақсадҳо, шаклҳо, усул ва методҳои он низ муайян гардида, барои таълими инфиродӣ ва мақсаднок пешниҳод шудаанд. Нақшаи намунавии таълим дар равияи табиӣ математикии соҳаи химия ва биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, мафҳумҳои асосӣ дар таҳия ва интихоби ихтисоси хонандагон амиқ ва мушаххас гардида, намудҳо, усулҳо ва воситаҳои фардикунонии таълими равиявии биологӣ муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- принсипҳо ва мазмун барои ташаккули курси биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ асоснок карда шудаанд (инсондӯстӣ, ҳамгироӣ, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ, алоқаи зичи

таҳсилоти касбӣ бо политехникӣ); принсипҳои ташкилии таълими биология бо назардошти таълими равиявӣ (шахсӣ, мушкилотӣ, баҳсҳо, мустақилияти хонандагон дар қабули қарордодҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти коллективӣ ва шахсии хонандагон, қаноатмандии хонандагон ба талаботҳои маънавӣ) ва ҳоказо муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- истифодаи самараноки технологияи таълими биология дар синфҳои самти равиявӣ (ҷуғрофия ва биология, биология ва химия), мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс ва лексияҳои проблемавӣ, лексия-суҳбатҳои тамоюли эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодӣ бо унсурҳои вазифаҳои тадқиқотӣ, супоришҳои иловагии беруназсинфӣ (экскурсияҳо ба музейҳо ва табиат, ҷомеаҳои илмии хонандагон аз фанни биология, конфронсҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиёти илмӣ), назорати дониши ба даст омадаи хонандагон (гузаронидани таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, ҳимояи рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба мавзӯъҳои интихобшуда ва умумӣ) ва усулҳое, ки ба мустаҳкам намудани қобилияти мустақилонаи хонандагон таъсир расондан қодиранд (маълумотӣ ва тадқиқотӣ), методикаи истифодаи таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии муаллимони биология ва табиатшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дар тайёр намудани муаллимони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ғайраҳо.

**Таҳияи корҳои илмии нашршуда оид ба мавзӯи диссертатсия:** 5 мақола бо ҳаҷми умумии 1,125 ҷузъи чопӣ, дар нашрияҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Диссертатсияи Расулзода Сорбон Пирмад ҷавобгӯи талаботи муқарарнамудаи банди 7 – уми “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ”нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (10.10.2019 протоколи №2), дар бораи ба Расулзода Сорбон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз 15-нафар иборат аст, иштирок доштанд 14 нафар, аз ҷумла 7 доктори илм, ки ба ҳайати Шӯро дохил мешаванд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид нест, бюлетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор: Бандаев С.Г.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ
номзади илмҳои химия, дотсент: Гулов Т.Ё.